# ТАҚРИЗИ

роҳбари илмӣ ба диссертатсияи унвонҷӯйи дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ, аз рӯйи ихтисоси 13.00.01-Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот Суриева Шакармо Чоршанбиевна дар мавзуи «Тарбияи ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ зимни омӯзиши «Тоҷикон»-и академик Бобоҷон Ғафуров.

Суриева Шакармо Чоршанбиевна фаъолияти омӯзгориро пас аз як соли дохил шудан ба шуъбаи ғоибонаи факултети забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии шаҳри Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев (соли 1996) дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №38-и деҳаи Вер оғоз намуда, то соли 2014 дар муассисаи зикршуда ба ҳайси омӯзгори фанни забон ва адабиёти тоҷик кор кардааст. Бинобар иваз намудани манзили истиқомат соли 2015 аввал дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии № 4, пас аз он (соли 2017) дар гимназияи хонандагони болаёқат ба номи А. Балъамии шаҳри Ваҳдат ба сифати омӯзгори забон ва адабиёти тоҷик фаъолият намудааст. Солҳои 2021-2022 дар вазифаи ходими калони илмӣ ва аз соли 2022 то ин ҷониб дар вазифаи мудири шуъбаи фанҳои технологияи (таълими меҳнат, тарбияи ҷисмонӣ ва омодагии ибтидоии ҳарбии Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон кор мекунад.

Ҳануз дар давраи фаъолияти омӯзгорӣ Суриева Шакармо ба проблемаи тарбияи ватандӯстии хонандагон ва омӯзиши осори таърихиву фарҳангии халқи тоҷик таваҷҷуҳ дошт. Аз ин ҷост, ки ӯ мавзуи «Тарбияи ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ зимни омӯзиши «Тоҷикон»-и академик Бобоҷон Ғафуров»-ро интихоб карда, вобаста ба ин тадқиқоти илмӣ анҷом додааст.

Мазмуни асосии диссертатсияи унвонҷӯ Суриева Шакарморо аҳамият ва мавқеи асари бунёдии академик Бобоҷон Ғафуров «Тоҷикон» дар тарбияи ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, метод, восита, шаклҳои корҳои беруназдарсӣ ва омӯзиши асари зикршуда ҷиҳати ташаккули худогоҳию худшиносӣ ва эҳсоси ватандӯстии хонандагон ташкил медиҳад.

Аҳамияти амалии тадқиқоти унвонҷӯ дар он ифода меёбад, ки ӯ дар раванди фаъолияти корҳои беруназдарсӣ шароити педагогии рушди тарбияи ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумиро тавассути озмоишҳо асоснок намуда, мавқеи асари бунёдии “Тоҷикон”-и академик Бобоҷон Ғафуровро дар тарбияи ватандӯстии хонандагон муайян кардааст ва нишондиҳандаву сатҳҳоеро ки тарбияи

ватандӯстии хонандагонро тавсиф мекунанд, нишон додааст. Ҳамчунин зимни озмоишҳои педагогӣ роҳҳои ташаккули худогоҳӣ, худшиносӣ ва тарбияи ватандӯстии хонандагонро тавассути омӯзиши асари зикршуда бо тавсияҳои илмӣ- методӣ пешниҳоди омӯзгорони ҷумҳурӣ намудааст.

Дар давраи фаъолияти унвонҷӯйӣ Суриева Шакармо Чоршанбиевна худро ҳамчун муҳаққиқи фаъол, ташаббускор нишон дода, имтиҳонҳои минимуми номзадиро бомуваффақият супоридааст.

Суриева Шакармо Чоршанбиевна дар конференсияҳои илмиии муассисавию ҷумҳуриявӣ фаъолона ширкат намуда, аз натиҷаи тадқиқоти илмиаш мунтазам бо маърузаҳои илмӣ баромад кардааст. Ӯ дар фаъолияти илмиву ҷамъиятии Пажӯҳишгоҳ фаъол буда, чун мутахассиси соҳибтаҷриба ва кордон, корманди хушахлоқ, хоксор байни ҳамкорон ва олимон обрӯ эътибори хосса дорад.

Суриева Шакармо зимни таҳқиқот метод, восита ва шаклҳои тарбияи ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумиро дар ҷараёни корҳои беруназдарсӣ муайян намуда, зарурат ва аҳамияти омӯзиши асари бунёдии академик Бобоҷон Ғафуров "Тоҷикон" ва мавқеи ин асарро дар ташаккули тарбияи ватандӯстии хонандагон аз нигоҳи илмӣ асоснок кардааст.

Унвонҷӯ дар давраи тадқиқоти илмӣ,масъулиятшиносӣ, қавииродагию кордонӣ нишон дода, мустақилона проблемаи тарбияи ватандӯстии хонандагон ва тарзҳои омӯзиши асари "Тоҷикон"-ро дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ҳаллу фасл кардааст. Мавсуф ҳангоми гузаронидани озмоишҳои педагогӣ чун муҳаққиқи босалоҳият фаъолият карда, дурустии фарзияҳои пешниҳоднамудаашро аз ҷиҳати илмӣ собит намудааст.

Мақолаҳои илмии нашрнамудаи ӯ мундариҷаи асосии диссертат -сияро инъикос мекунанд.

Муқаррароти асосӣ, натиҷа ва хулосаҳои тадқиқоти диссертатсионии Суриева Шакармо Чоршанбиевна дар 5 мақолаи илмии дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 1 дастур бо номи "Бозтоби эҳсоси ватандорию ватандӯстӣ дар омӯзаҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, пажӯҳишҳои академик Бобоҷон Ғафуров ва осори ниёгон" ва 1 барномаи озмоишии махсуси омӯзиши асари бунёдии "Тоҷикон"-и Бобоҷон Ғафуров дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ инъикос ёфтаанд.

Аз ин рӯ, ҳамчун роҳбари илмӣ тадқиқоти диссертатсионии Суриева Шакармо Чоршанбиевнаро мусбат арзёбӣ намуда, тадқиқоти мустақилона анҷомдода меҳисобам ва онро ба муҳокима ва дифоъ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи

ихтисоси 13.00.01- Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот тавсия медиҳам.

Роҳбари илмӣ: номзади илмҳои педагогӣ,
сармутахассиси шуъбаи фанҳои
табиатшиносӣ, дақиқ ва технологияи
инноватсионии таълими Академияи
таҳсилоти Точикистон Туронов С. Ш.

Маълумот барои тамос:
Суроға: 734063, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе,
кӯчаи А. Адҳамов 11/2
Почтаи электронӣ: Sharofzoda 6060 @ mail. ru

Имзои С. Туроновро тасдиқ мекунам.
Сардори бахши кадрҳо ва коргузории АТТ Саидова М.
29.05.2023